**ХУЛОСАИ**

**шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

Парвандаи аттестатсионии № _________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.05.2026, протоколи №49 барои сазовор донистани Раҷабзода Саодат Ҷамол, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ**

Диссертатсияи Раҷабзода Саодат Ҷамол дар мавзуи «Системаи методии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият» аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. - Назария ва технологияи таълими математика) дар ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2025, таҳти №242/ҳя) 14- уми феврали соли 2026 суратмаҷлиси №5 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҷабзода Саодат Ҷамол 19- уми декабри соли 1983 дар ноҳияи Ғончӣ (ҳозира Деваштич) вилояти Суғд таваллуд шудааст. Соли 2001 ба факултети математикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, онро соли 2006 бо дипломи «аъло» аз рӯйи ихтисоси математика хатм намудааст.

Раҷабзода Саодат Ҷамол аз соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров буда, айни ҳол дар вазифаи дотсенти кафедраи методикаи таълими математика ва

технологияи иттилоотии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» омода гардидааст.

**Мушовири илмӣ: Сатторов Абдурасул Эшбекович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ: Мирзозода Раҳмоналӣ Раҷаб**, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ; **Назаров Аҳтам Пулотович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Мухсинов Ёдгор Мирзоевич** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҷабзода С.Ҷ. бо имзои раиси ҷаласа декани факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон н.и.тех., дотсент, Саидзода Исроил Маҳмад, эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи усули таълими математика ва геометрияи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Собиров А.Ш. ва котиби ҷаласа н.и.п., дотсент, мудири кафедраи усули таълими математика ва геометрияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қурбонзода С.Р. омода гардида бо имзои ректори донишгоҳ д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. аз 17- уми апрели соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, дараҷаи этимоднокии диссертатсия,

саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи доктории Раҷабзода С.Ҷ. дар мавзуи «Системаи методии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. - Назария ва технологияи таълими математика) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 82 интишороти илмӣ нашр намудааст, ки ҳамаи он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия 22 мақола ба нашр расонидааст.

1. **Раҷабова, С.Ҷ.** Педагогические идеи толерантности в работах многих педагогов прошлого и настоящего [Текст] / С.Дж. Раджабова // Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал) №3-11(188) Серия гуманитарных наук - Душанбе: «Сино». - 2015. – С. 193-196. - ISSN 2074-1847

2. **Раҷабова, С.Ҷ.** Формирование толерантной культуры личности будущего учителя информатики [Текст] / С.Дж. Раджабова // Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук - Душанбе: «Сино» - 2017. - №3/4 – С. 244-246. - ISSN 2074-1847

3. **Раҷабова, С.Ҷ.** Афзалиятҳои истифодабарии тахтаи электронӣ дар раванди таълим [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова, М.Ҳ. Ниёзалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- 2017.- №3/6. – С. 219-221. - ISSN 2074-

1847

4. **Раҷабова, С.Ҷ.** Основные принципы компетентного подхода, влияющие на формирование педагогической культуры будущих учителей естественно – математических наук [Текст] / С.Дж. Раджабова, М.Р. Арипова, Б.Р. Кодиров // Вестник Академии образования Таджикистана (научный журнал). - Душанбе: «Сино». – 2021. - №1(38). – С. 165-169. - ISSN 2222-9809

5. **Раҷабова, С.Ҷ.** Аҳамияти ҳалли масъалаҳо дар тарбияи фаъолнокии эҷодии хонандагон бо принсипи таълими босалоҳият [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова, А.У. Очилов // «Номаи донишгоҳ» -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - 2022. - №1(70). – С. 175-179. - ISSN 2077-4990

6. **Раҷабова, С.Ҷ.** Махсусиятҳои ташаккули салоҳияти математикии омӯзгорони ояндаи фанни математика [Матн] / С.Ҷ.Раҷабова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Душанбе: «Сино», 2023. - №3 – С.322-328. - ISSN 2074-1847

7. **Раҷабова, С.Ҷ.** Ташаккули фарҳанги педагогии муаллими ояндаи математика [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова // «Номаи донишгоҳ» -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - 2023. - №3(76). – С. 119-124. - ISSN 2077-4990

8. **Раҷабова, С.Ҷ.** Самаранокии истифодаи муаррифӣ дар таълими математика дар мавзуи татбиқи ҳосила ба тадқиқи функсияҳо [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова // «Номаи донишгоҳ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - 2023. - №4(77). – С.152-157. - ISSN 2077-4990

9. **Раҷабова, С.Ҷ.** Математика ҳамчун воситаи асосии инкишофи тафаккури донишҷӯён дар таълимоти рақамӣ [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова // «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», (силсилаи

илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – 2023. - №1/4(116) қисми 2 – С. 130-134. - ISSN 2663-5534

**10. Раҷабова, С.Ҷ.** Ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ояндаи математика [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. (маҷаллаи илмӣ). -2023. - №3(43). – С. 353-359. - ISSN 2617-5320

**11. Раҷабова, С.Ҷ.** Методҳои тадқиқоти илмӣ дар рушди қобилияти математикии муаллимони оянда [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова, А.Э. Сатторов // «Номаи донишгоҳ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - 2024. - №3(76). - С. 119-124. - ISSN 2077-4990

**12. Раҷабова, С.Ҷ.** Намудҳои асосии масъалаҳои гуногунҷабҳа дар геометрия ва усулҳои ҳалли онҳо [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова, Р.Р. Саидова // «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – 2024. - №1/1(119). – С. 169-173 - ISSN 2663-5534.

**13. Раҷабова, С.Ҷ.** Методикаи ҳалли масъалаҳои арифметикӣ бо истифода аз граф - моделҳо [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Душанбе: «Сино». – 2024. - №7. – С. 342-349. - ISSN 2074-1847

**14. Раҷабова, С.Ҷ.** Ташаккули фаъолияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши математика [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе: «Сино». – 2024. - №9. – С. 336-344. - ISSN 2074-1847

**15. Раҷабова, С.Ҷ.** Роҷеъ ба масъалаҳои тайёрии методии омӯзгорони ояндаи математика [Матн] / А.Э. Сатторов, С.Ҷ. Раҷабова // «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – 2024. - №1-2(122). – С. 174-178. - ISSN 2663-5534

**16. Раҷабова, С.Ҷ.** Бартариҳо ва камбудиҳои ташаккули омӯзгорони ояндаи математика [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова // Паёми Академияи таҳсилоти

Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), Душанбе: «Сино». – 2024. - №3(52). – С. 221-230. - ISSN 2222-9809

**17. Раҷабова, С.Ҷ.** Таъмини таълими босалоҳият дар омӯзиши касрҳои одӣ дар математикаи синфи 5 [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова // Паёми Академияи таҳсилоти (маҷаллаи илмӣ), Душанбе: «Сино» – 2024. - №4. – С. 175-181. - ISSN 2222-9809

**18. Раҷабова, С.Ҷ.** Таъмини таълими тафриқавӣ дар раванди таълими математика дар мисоли тригонометрия [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова, М.Ҳ. Комилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), Душанбе: «Сино». – 2025. - №2 – С.198-205. - ISSN 2074-1847

**19. Раҷабова, С.Ҷ.** Ташаккули маҳорати педагогии омӯзгорони ояндаи математика дар омӯзиши аксиомаҳои геометрия [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова, М.Д. Мирзоходжаев, Р.Р. Саидова // «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – 2024. - №1-3(125). – С. 274-280. - ISSN 2663-5534

**20. Раҷабова, С.Ҷ.** Фаъол будани донишҷӯён ҳангоми омӯзиши ҳаҷми бисёррӯяҳо дар дарси «Математикаи элементарӣ» [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова, Р.Р. Саидова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.(маҷаллаи илмӣ). – 2024. - №2(46). – С. 247-253. - ISSN 2617-5320

**21. Раҷабова, С.Ҷ.** Муаммоҳои муосири таълими математикаи омӯзгорони ояндаи математика [Матн] / С.Ҷ. Раҷабова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2025. - №1(38). – С. 93-98. - ISSN 2616-5260

**22. Раҷабзода, С.Ҷ.** Ташаккули салоҳияти математикии донишҷӯён дар таълими шаклҳои асосии геометрӣ [Матн] / С.Ҷ. Раҷабзода, Р.Р.Саидова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.(маҷаллаи илмӣ). – 2025. - №2(50). – С. 356-361. - ISSN 2617-5320

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Раҷабзода Саодат Ҷамол ворид шудаанд:

1. Шабозов Мирганд Шабозович - доктори илмҳои физикаю математика, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

2. Илолов Маҳмадшо Илолович - доктори илмҳои физикаю математика, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор. Тақриз мусбат аст.

3. Галимзянова Ильхамья Исхаковна- доктори илмҳои педагогӣ, профессори консерваторияи давлатии Қазон ба номи Н.Г. Жиганов. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

4. Давлатшоев Иззатулло – доктори илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақризи мусбат додааст.

5. Каримова Ирина Холовна - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академик, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

6. Абдуллаев Алибек Қодиралиевич - доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Қӯқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Тақризи мусбат додааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– амсиласозӣ намудани моҳият ва мундариҷаи маданияти педагогӣ дар шароити таҳсилоти муосир;
– таҳлили таърихию педагогии мафҳуми муносибати босалоҳият;
– асосноккунии нақши муносибати босалоҳият дар ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика дар раванди таълими мактаби олӣ;
– муайян намудани шартҳои методологӣ ва назариявии системаи методии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият;
– таҳияи амсилаи ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият;
– асоснок намудани хусусиятҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика;
– муайян намудани принсипҳои дидактикии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият;
– тавсифи шароитҳои ташкилию педагогии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият;
– асоснок намудани сохтори низоми методии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият;
– таҳияи шакл, усулҳо ва воситаҳои асосии ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият;

– муайян намудани нақши технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

– ҷузъҳои ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика аниқу дақиқтар муайян карда шуда, барои таҳия намудани барномаи ташаккулёбии самараноки он имкон медиҳанд;

– дар доираи муносибати босалоҳият таҳлил амалӣ шуд, ки дар натиҷаи он меъёрҳои зерини арзёбии сатҳи ташаккулёбии маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият: ҳавасмандкунанда, арзишӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ-таҳлилӣ муайян карда шуданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо таҳлили корҳои назариявӣ ва илмӣ-методӣ оид ба муаммои таҳқиқот муайян карда мешавад; интихоб ва татбиқи маҷмӯи мувофиқ; истифодаи методҳои оморӣ; тасдиқи фарзияи таҳқиқотӣ бо натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, имконияти истифодаи муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсия ифодаёфта дар кори амалӣ оид ба ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни ихтисоси математика тавассути муносибати босалоҳият.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар иштироки шахсии ӯ дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, натиҷаҳои бадастомада, аз ҷумла асосноккунии назариявӣ, илмию амалии масъалаи таҳқиқотӣ ва ҳалли он вобаста буда, ки дар диссертатсия ва маводҳои интишоршуда инъикос ёфта, ифода мешавад. Инчунин натиҷаҳои бадастомадаи довталаб дар озмунҳои сатҳи донишгоҳии «Омӯзгори беҳтарини ҷавон -2017», «Куратори беҳтарин - 2022», «Омӯзгори соли -2023», «Олими соли -2024» ифода ёфтааст.

Дар ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ аз санаи 23- юми майи соли 2026 оид ба сазовор донистани Раҷабзода Саодат Ҷамол бо дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 11 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Муовини раиси**
**шурои диссертатсионӣ** **Нугмонов М.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**

“_23_”___05___ 2026

Ҷ.М.